«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон», доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
__________ Асрорзода У.С.
«___» ____________2026 сол

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи “Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи “Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар илми ҳуқуқи маданӣ,

соҳибкорӣ, оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ нав буда, мубрамияти он ягон шубҳаеро ба вуҷуд намеорад.

Шартномаи эскроу талаботи замон аст, зеро он ифодагари манфиатҳои тарафайн буда, барои пешрафти иқтисодӣ заминаҳои гуногунро фаро меорад. Он яке аз воситаҳои муҳими таъмини эътимоднокии муомилоти маданӣ ба ҳисоб меравад, ки дар муомилоти маданӣ васеъ истифода мешавад.

Муаллиф доир ба мубрамияти мавзуъ чунин зикр менамояд: "Шартномаи мазкур бо мақсади таъмини шаффофият ва самаранокии тақсимоти маблағҳои аз ҳисоби фурӯши неруи барқ бадастоянда баста шуда, он имкон медиҳад субъектҳои хоҷагидор ва мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини неруи барқ, ба воситаи кушодани суратҳисоби эскроу маблағҳои аз фурӯши неруи барқ бадастояндаро тибқи тартиби муқарраршуда тақсим намояд" (с.5).

Бинобар далелҳои зикршуда мубрамияти илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ягон шаку шубҳаеро ба вуҷуд намеорад ва ҷолиби диққат буда, таваҷҷуҳи илмиро ба ин намуди шартномаи нав дар ҳуқуқи маданӣ афзун менамояд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мукаммали илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаҳои бадастомадаи он дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ саҳми арзишманд мегузоранд. Ҳамзамон, муқаррароту хулосаҳои илмии пешниҳодшуда барои такмили таҳқиқоти назариявӣ ва амалии дигар соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ низ аҳаммияти назаррас доранд. Таҳлили ҳамаҷонибаи муҳтавои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуъро дар асоси омӯзиши амиқи адабиёти илмӣ, санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои ироашуда доир ба шартномаи эскроу бо далелҳои кофии илмӣ асоснок гардида, мавқеи мустақилонаи муаллифро нисбат ба масъалаҳои баҳсталаби илмӣ инъикос менамоянд. Истифодаи васеи сарчашмаҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии ҳуқуқтатбиқкунӣ аз мустақилият, муътамадӣ ва арзиши илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда шаҳодат медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Масъалаи шартномаи эскроу аввалин маротиба дар Тоҷикистон таҳлил шудааст. Чуноне муаллиф зикр менамояд, навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф бо дарназардошти таҳлили адабиёти илмӣ, қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, таҷрибаи судӣ, маълумоти оморию маълумотҳои дигари мақомоту ташкилотҳо дар ин самт мавзуи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, дар ин замина бо мақсади муайян намудани мафҳуму хусусиятҳои шартномаи эскроу, таносуби он аз дигар шартномаҳо, таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, муайяннамоии мавзуъ ва объекти ин шартнома таҳлилҳо ва пешниҳодҳои судмандро манзур намудааст (с. 10-11).

Муаллиф проблемаҳои хоси шартномаи эскроуро баррасӣ кардааст, таҳлилҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва баҳсҳои илмии муаллиф аз мавқеи мустақили ӯ дарак медиҳад. Ном, нақша ва навишти рисола ягонагии дохилӣ дорад ва пайдарҳаму мантиқона ифода шудааст.

Ба ҳимоя муқарраароти илмии зерин пешниҳод гардидаанд, ки онҳо **навгониҳои таҳқиқоти** диссертатсияро ифода месозанд:

1. Бо дарназардошти мубрам будани муайяннамоии табиати ҳуқуқии шартномаи эскроу, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, аз байн бурдани номукаммалии қонунгузорӣ, мушаххасан муайян намудани вазъи ҳуқуқии тарафҳои

шартномаи эскроу ва барои рушди бемонеаи падидаи мазкур дар ҶТ ворид намудан ва хориҷ намудани муқарраороти КМ ҶТ-ро дар қисматҳои зерин ба мақсад мувофиқ мешуморем:

– Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки доираи амали шартномаи эскроу васеъ буда, муқаррар намудани мухлат дар он тариқи қонунгузорӣ барои рушди ин падида метавонад монеа эҷод намояд, бахусус дар соҳаҳои сармоягузорӣ, сохтмон ва монанди инҳо. Дар робита ба ин, ба зиммаи тарафҳои шартнома гузоштани мухлати бастани шартномаи мазкур принсипи озодии шартномаро таъмин намуда, озодона мувофиқ ба иродаи худ амал кардани онҳоро ба вуҷуд меорад.

– Шартномаи эскроу худ шартномаи кафолатӣ буда, дар заминаи қонунгузорӣ муқаррар намудани талаботи нотариалӣ нисбат ба он ба тарафҳои шартнома сарбории иловагиро ба вуҷуд оварда, то ҳатто метавонад хавфҳои коррупсиониро ба миён орад. Вобаста ба ин, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки талаботи нотариалӣ ҳангоми бастани шартномаи мазкур хориҷ карда шавад.

– Бо мақсади боз ҳам ба таври воқеӣ танзим намудани муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар ин самт ҷорӣ намудани падидаи Интернет-эскроу ҳангоми бастани шартномаҳо тавассути Интернет-мағозаҳо қобили қабул буда, дар ин замина бо мақсади рушди падидаи мазкур муқаррар намудани имтиёзҳои андозӣ дар ин самт мувофиқи мақсад мебошад.

2. Таҳлили вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроу нишон медиҳад, ки тибқи талаботи қонунгузории маданӣ ба сифати агенти эскроу нотариус муқаррар карда шудааст. Аммо, мувофиқи қонунгузории соҳаи нотариат дар ҶТ идораҳои нотариати давлатӣ ҳуқуқи доштани суратҳисоби махсусро доранд, на нотариусон.

Нотариусони дар ҳудуди ҷумҳурӣ фаъолияткунанда дорои суратҳисоби махсус оид ба анҷом додани чунин амалиётҳоро надошта, таҷрибаи мазкур хоси фаъолияти нотариусони хусусӣ мебошад.

Тибқи қонунгузорӣ дар ҳудуди ҶТ нотариусони хусусӣ фаъолият намекунанд. Дар заминаи таҳлили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ метавон чунин хулоса баровард, ки дар номгӯйи асосҳои қатъ гардидани шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ ва муқаррароти м. 1039 КМ ҶТ номбар кардани вафоти нотариус ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ мувофиқат намекунад, зеро дар мамлакат танҳо низоми давлатии нотариат эътироф гардидааст. Вобаста ба ин, мақсаднок аст, ки идораи нотариалии давлатӣ ҳамчун агент дар шартномаи эскроу эътироф карда шавад.

3. Таҳлили қонунгузории маданӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми қатъ шудани шартномаи эскроу пешбинӣ нагардида, танҳо асосҳои ба вуҷуд омадани он муқаррар карда шудааст. Бо дарназардошти омӯзиши адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ метавон чунин мафҳуми қатъ шудани шартномаи эскроуро пешниҳод намуд: «Қатъ шудани шартномаи эскроу асосҳои дар қонунгузорӣ пешбинишудаеро дар назар дорад, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани онҳо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои тарафҳои ин шартнома (амонатгузор, агент ва бенефитсиар) амалан қатъ гардида, иҷроиши ӯҳдадориҳои дигарро ба вуҷуд намеорад».

4. Бо таҳлили қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ метавон ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроуро тибқи қонунгузории мадании ҶТ дар самтҳои зерин муайян намуд:

– рӯёнидани ноустуворона;

– рӯёнидани зарари моддӣ ва маънавӣ;

– муқаррар намудани уҳдадорӣ оид ба иҷрои талаботи шартномаи эскроу ва суратҳисоби эскроу;

– манъ кардани яктарафа қатъ кардани шартнома.

Ҳамзамон, рӯёнидани зарари маънавӣ низ дар натиҷаи ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадорӣ аз ҷониби яке аз тарафҳои шартнома имконпазир мебошад. Аммо, бояд дар назар дошт, ки зимни рӯёнидани зарари маънавӣ ҳадди зарари расонидашуда ва ҷуброни талабкардашуда бояд ба ҳам мувофиқ бошад, оқибати бавуҷудомада аз зарари расонидашуда вобастагӣ дошта бошад, зарари маънавии тарафи дахлдори шартнома барои ӯ оқибатҳои манфиро ба вуҷуд оварда бошад ва монанди инҳо.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки рисолаи илмӣ бо назардошти мазмун ва моҳият, инчунин таҳлили мукаммали илмии суратгирифта дорои навгониҳои муҳимми назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки метавон бахри рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мусоидат намуда, заминаи муҳимми илмиро барои такмили қонунгузорӣ фароҳам меоварад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки зимни анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва маводи таҳқиқотии марбут ба мавзуъ мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтаанд. Дар натиҷа хулосаҳо ва пешниҳодҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок таҳия гардидаанд, ки ба рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқ ва такмили таҳқиқоти илмӣ дар самти мазкур мусоидат менамоянд. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ, таҳияи корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, магистрӣ ва диссертатсионӣ, инчунин дар омӯзиши минбаъдаи

масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқот истифода шаванд. Ҳамзамон, пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, такмили механизми тафсир ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ доранд.

**Дараҷаи эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Дараҷаи эътимоднокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсия ба таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ асос ёфтааст. Рисолаи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммал оид ба танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар он масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуъ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф аз осори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи мақомоти давлатӣ васеъ истифода намуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои худро бо далелҳои илмӣ асоснок кардааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дорои заминаи устувори назариявӣ ва методологӣ буда, метавонанд барои такмили қонунгузорӣ, рушди амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар ин самт мусоидат намоянд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар интихоби мавзуи таҳқиқот, муайян намудани ҳадаф ва вазифаҳои он, таҳлили сарчашмаҳои илмӣ, қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ, омӯзиши таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ, инчунин таҳия ва асоснок намудани хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ ифода меёбад. Навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалии таҳиягардида натиҷаи фаъолияти мустақилонаи илмии муаллиф мебошанд. Саҳми

шахсии муаллиф инчунин дар таҳияи мақолаҳои илмӣ, иштирок ва баромад дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар онҳо муаррифӣ гардидаанд, таҷассум меёбад.

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муаллиф аз рӯйи натиҷаҳои гузаронидашуда 12 маводи илмӣ, аз ҷумла 1 воситаи таълимӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расондааст.

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсия аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ тавзеҳ дода шуда, мушкилоти назария ва амалияи масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон матраҳ шуда, аҳаммият ва саривақтӣ будани таҳқиқоти илмӣ пешниҳод карда шудааст. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян гардидаанд.

**Боби якум** “Тавсифи умумии шартномаи эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” фарогири масъалаҳои зерин мебошад: мафҳум ва моҳияти шартномаи эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; таносуби шартномаи эскроу бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ; таҳлили муқоисавӣ-

ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории мамлакатҳои хориҷӣ оид ба шартномаи эскроу.

**Боби дуюм “Унсурҳои шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон”** бахшида шудааст ба таҳлили мавзуи шартномаи эскроу ва хусусиятҳои ба амонат гузоштани намудҳои алоҳидаи объектҳои он ва вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроу.

**Боби сеюм “Асосҳои қатъ гардидани шартномаи эскроу ва ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои он”** ном гирифта, ба таҳлили асосҳои қатъ гардидани шартномаи эскроу ва ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроу барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани шартнома равона шудааст.

Дар натиҷаи тадқиқот муаллиф **хулосаи** рисоларо таҳия кардааст, ки он ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ доранд, пешниҳоду тавсияҳои муаллиф, ки дар ҳар як боб ва зербобҳо аз рӯи мазмун ва моҳияти рисолаи илмӣ дар маҷмӯъ инъикос ёфтаанд, ифода гардидааст.

Ҳамзамон муаллиф дар робита ба рисола авторефератро тибқи талаботи муқарраргардида таҳия кардааст, ки онҳо байни ҳам мутобиқати дохилию мантиқӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо дар он ифода меёбад, ки муаллиф тамоми мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо вобаста ба самтҳои гуногуни мавзуъ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз назари амалӣ ба таври дахлдор ба анҷом расонидааст. Таҳқиқоти гузаронидашуда ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ ва дигар илмҳои ба мавзуи мазкур алоқаманд мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳанд, ки

мушкилоти мавчудаи назариявӣ ва амалии ҳуқуқӣ оид ба шартномаи эскроу ҳал карда шаванд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои рисола дар он ифода меёбад, ки шартномаи эскроу яке аз воистаҳои муҳимтарини муомилоти молӣ ва ҳисоббаробаркуниро дар ҷомеа ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, танзими амиқи масъалаҳо марбут ба шартномаи эскроу натанҳо ба манфиати тарафҳои шартнома, балки таъсири бевосита барои рушди муомилоти маданӣ, сармоягузорӣ ва рушди иқтисодии кишвар дорад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот шомили он аст, ки он барои ҳифзи ҳуқуқи инсон равона шудааст. Танзими дақиқу дурусти масъалаҳои шартномаи эскроу ба пешгирии поймолкунии ҳуқуқ инсон кумак мекунад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мутобиқати

тахассусӣ илмии Асадуллозода Абдулазиз Асадулло барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар рисола таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, махсусан давлатҳое, ки институти эскроу дар онҳо васеъ истифода мешавад, бештар хусусияти тавсифӣ дошта, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии амиқ пурра ба назар намерасад.
2. Муаллиф масъалаҳои марбут ба ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни шартномаи эскроуро мавриди таҳлил қарор додааст, аммо масъалаҳои вобаста ба амалияи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи ҳалли баҳсҳои марбут ба уҳдадориҳои молиявӣ метавонанд муфассалтар баррасӣ гарданд.
3. Дар баъзе қисматҳои диссертатсия такрори андешаҳои назариявӣ ба назар мерасад ва мувофиқи мақсад мебуд, ки баъзе мавқеъҳои илмӣ ба таври мухтасар ва мушаххас ифода карда шаванд.
4. Дар таҳқиқот масъалаҳои истифодаи амалии шартномаи эскроу дар муносибатҳои рақамӣ ва тиҷорати электронӣ ба таври маҳдуд баррасӣ шудаанд, ҳол он ки дар шароити муосир ин самт аҳаммияти рӯзафзун дорад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

**Мувофиқати автореферат ба муҳтавоии диссертатсия.** Автореферат ба муҳтавоии диссертатсия мувофиқат дорад. Дар

автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мухтасар мазмуни кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Хулоса доир ба диссертатсия.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва автореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии танзими шартномаи эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. `Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботҳои бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26. 07 соли 2023, № 295) тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Тақриз тибқи талаботи бандҳои 76-79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳтӣ №267 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ №4 аз 18-уми майи соли 2026.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Меликов У.А. - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в. прфессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ихтисос: 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи

оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Суратмаҷлиси кафедра №5 аз 18- уми майи соли 2026.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири
кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ
ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Холиқов Н.А.

Ташхисгар, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи факултети
ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон Меликов У.А.

Котиби ҷаласа, н.и.ҳ., муаллими калони
кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ
ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Раҳимзода С.О.

Имзоҳои Холиқов Н.А., Раҳимзода С.О. ва
У.А. Меликовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсус ДБССТ Ҷураев.Ш.Н.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел. (+992 237) 234-88-02
Сайт: www.iutet.tj
E-mail: dsx_ips@mail.ru

«18» 05 2026 сол